Гуфторҳои

Мансури Ҳошимии Хуросонӣ

Пойгоҳи иттилоърасонии дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

Коди гуфтор: 15

Ақойид

Шинохти халифаи Худованд дар замин

Нишонаҳои зуҳури Маҳдӣ ва фитнаҳои охируззамон

بسم الله الرحمن الرحيم

Ду гуфтор аз он ҳазрат дар бораи бархӣ нишонаҳои зуҳури Маҳдӣ ва фитнаҳои охируззамон

1. أخبرَنا الوليدُ بْنُ محمودٍ السَّجِسْتانيُّ، قال: سَمِعْتُ المنصورَ الهاشميَّ الخراسانيَّ يَقُولُ لِأصحابِه: إنِّي أَخافُ عليكُمُ الفِتَنَ في أدْيانِكُمْ، فَتَمَسَّكُوا بِما عَلِمْتُمْ و عَضُّوا عَلَيْهِ بِالنَّواجِذِ و لا تَذَرُوهُ لِجَهْلِ جاهِلٍ و إنْ رَفَعَ صَوتَهُ و ضَرَبَ بِمِخْفَقَتِه! قلتُ: جُعِلْتُ فِداك، أَرَأَيْتَ الفتنَ الّتي قَدْ نَزَلَتْ بِأهلِ الشّامِ و العِراق؟! قال: ما فيها مِنْ قاتِلٍ و لا مَقْتُولٍ إلّا و هُوَ في النّارِ! قلتُ: لِمَ؟! قال: يَطْلُبانِ المُلْكَ! ثُمَّ قال: وَيْلٌ لِطُغاةِ الْعَرَبِ مِنْ شَرٍّ قَدِ اقْتَرَبَ! قلتُ: أَتَرىٰ بَعْدَ هذِهِ الفِتَنِ فتنةً أكبرَ مِنْها؟! قال: نَعَمْ و لا تَأتِي فتنةٌ إلّا و هِيَ أكبرُ مِنْ أُخْتِها و إنَّ أكبرَ فتنةٍ قَدْ بَقِيَتْ فتنةُ السُّفيانيِّ، فَإنَّهُ يَنْزِعُ جُلُودَ الرِّجالِ و يَثْقُرُ بُطونَ النِّساءِ! قلتُ: إذا أَدْرَكْناهُ فَما نَفْعَلُ؟! قال: إذا كانَ ذٰلِكَ فَإلَيَّ!

Тарҷумаи гуфтор:

Валид ибни Маҳмуди Сақистонӣ моро хабар дод, гуфт: Шунидам Мансури Ҳошимии Хуросонӣ хитоб ба ёронаш мефармояд: Ҳароина ман барои шумо аз фитнаҳо дар динҳоятон бимнокам, пас ба чизе ки бадон илм ёфтаед чанг дар занед ва онро бо дандон бигиред ва ба хотири ҷаҳли як ҷоҳил вонагузоредаш, агарчи сдои худро боло оварад ва бо тозиёнааш бизанад! Арз кардам: Фидоят шавам, оё ин фитнаҳое ки бар аҳли Шом ба Ироқ фуруд омадаастро мебинед?! Фармуд: Ҳеҷ қотил ва мақтуле дар он нест магар инки дар оташ аст! Арз кардам: Барои чи?! Фармуд: Ҳар ду ҳукуматро меҷӯянд! Сипас фармуд: Вой бар гарданкашони Араб аз шарре ки наздик шудааст! Арз кардам: Оё пас аз ин фитнаҳо фитнаи дигареро мебинед ки аз онҳо бузургтар бошад?! Фармуд: Оре ва ҳеҷ фитнае намеояд магар инки аз фитнаи пеш аз худ бузургтар аст ва ҳамоно бузургтарин фитнае ки боқӣ монда, фитнаи Суфиёнӣ аст; Чароки ӯ пӯсти мардонро меканад ва шиками занонро медарад! Арз кардам: Агар ӯро дарк кардем чи кунем?! Фармуд: Агар он гуна шуд, ба сӯи ман!

Шарҳи гуфтор:

Манзур аз <<Фитнаи дар адён>> бозгадонда шудан аз ақойид дар асари фиреб ё шиканҷаи ҷоҳилон аст ва манзур аз чизе ки ёрони ин бузургвор ба он илм ёфтаанд ва бояд ба

он чанг дар зананд ва онро бо дандон бигиранд ва ба хотири ҷаҳли як ҷоҳил агарчи садояшро боло оварад ва бо тозиёнааш бизанад вонагузоранд, ақойиди поке аст ки дар китоби шарифи <<Бозгашт ба Ислом>> бо такя бар китоби Худованд ва суннати мутавотири Паёмбар ва баййиноти ақлӣ табйин шудааст ва манзур аз <<Суфиёнӣ>> мардӣ муфсид аст ки бино бар ривоёти мутавотир, пеш аз зуҳури Маҳдӣ алайҳи салом қиём мекунад ва ба сӯӣ халифати худ фаро мехонад ва манзур аз <<Агар он гуна шуд, ба сӯӣ ман>> ин аст ки агар ин мардро дидед ки қиём кардааст ва шуморо ба сӯӣ худ даъват мекунад, ба сӯӣ ман биёйед то ман шуморо аз ӯ паноҳ диҳам ва ба сӯӣ Маҳдӣ раҳнамун шавам. Чунонки дар гуфтори дигаре аз он ҳазрат омадааст:

2. أَخْبَرَنا هاشمُ بْنُ عُبَيْدٍ الخُجَنْدِيُّ، قال: دَخَلْتُ عَلَى المنصور فَسَمِعْتُهُ يَقُولُ لِأَصْحابِهِ: إِنِّي وَاللّٰهِ لَأَعْلَمُ أَنَّ حَدِيثَكُمْ هٰذا لَتَشْمَئِزُّ مِنْهُ قُلُوبُ الرِّجالِ، فَانْبِذُوهُ إِلَيْهِمْ نَبْذاً، فَمَنْ أَقَرَّ بِهِ فَزِيدُوهُ وَ مَنْ أَنْكَرَ فَذَرُوهُ! إِنَّهُ لا بُدَّ مِنْ أنْ تَكونَ فتنةٌ يَسْقُطُ فيها كُلُّ ضَلِيعٍ و داهِيَةٍ حتّىٰ يَسْقُطَ فيها مَن يَشُقُّ الشَّعْرَ بِشَعْرَتَيْنِ، حتّىٰ لا يَبْقىٰ إِلّا أنا و أَصْحابي، فَنَرْتَحِلُ إِلَى المَهْدِيّ!

Тарҷумаи гуфтор:

Ҳошим ибни Убайди Хуҷандӣ моро хабар дод, гуфт: Бар Мансури ворид шудам, пас шунидам ки ба ёронаш мефармояд: Ҳароина ба Худо савганд ман медонам ки дилҳои мардумон аз ин гуфтори шумо танаффур меёбад, пас андаке аз онро ба сӯяшон бияндозед, пас ҳар кас ба он иқрор намуд барояш бияфзойед ва ҳар кас онро инкор кард раҳояш кунед! Ҳароина ногузир фитнае хоҳад буд ки ҳар мутабаҳҳир ва зираке дар он фуру мерезад то ҷойе ки касе ки як мӯро ба ду мӯ тақсим мекунад дар он фуру мерезад, то ҷойе ки ҷуз ман ва ёронам боқӣ наемонем, пас ба сӯӣ Маҳдӣ кӯч мекунем!

Шарҳи гуфтор:

Манзур аз гуфторе ки дилҳои мардумон аз он танаффур меёбад, гуфтумони <<Бозгашт ба Ислом>> ва заминасозӣ барои зуҳури Маҳдӣ алайҳи салом аст ки мавриди алоқаи бисёре аз мардумон нест ва манзур аз фитнаи мавриди ишора, шабоҳати гиҷ кунанда ва фарогире аст ки ин гуфтумонро фаро

мегирад ва бузургтарин олимон ва фарҳехтагонро бо ҳамаи <<Табаҳҳур>> ва <<Зиракияшон>> аз шинохти он боз медорад ва ба мавзеъгирӣ дар баробари он савқ медиҳанд; То ҷойе ки бисёрӣ аз афроди мушикоф ва борикбин низ тавфиқи дарки онро пайдо намекунанд, то ҷойе ки танҳо гурӯҳӣ вораста ва баргузида боқӣ мемонанд ва онон Мансурро ба сӯӣ Маҳдӣ ҳамроҳӣ мекунанд, то инки ба он ҳазрат мепайванданд.

